## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертӣ ба диссертатсияи Каримзода Шавкат Карим дар мавзӯи «Асосҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосири рушди низоми маорифи мамлакат яке аз муаммоҳои таҳсилоти иловагии хонандагони болаёқат аз фанни технологияҳои иттилоотӣ, компютерикунонии глобалии тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон мебошад, зеро саривақт омода намудани толибилмон ба шароити нави таълиму тадрис ва фаъолияти касбӣ дар муҳити иттилоотонии ҷомеа яке аз мушкилоти ҷаҳонии низоми маориф мебошад. Бунёди ҷомеаи пешбари муосир дар системаи таҳсилот ва соҳаи илми технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла системаи таҳсилоти иловагӣ, ғояҳои навинро талаб менамояд.

Дар санадҳои муҳими давлатӣ, аз он ҷумла, дар Стандарти давлатии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанни «Технологияи информатсионӣ» барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, фанни технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун курси сохторӣ эътироф шудааст, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии муосири хонандагон ва омодагии онҳо ба ҳаёт дар ҷомеаи иттилоотӣ нақши муҳим дорад. Вобасти ба ин, дар Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои синфҳои аз 1 то 11-и муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳо барои татбиқи давраи фанни технологияҳои иттилоотӣ мутобиқ ба сохтори се марҳилавии он оварда шудааст. Муносибати зерин ба фанни технологияҳои иттилоотӣ дар мундариҷаи омӯзиши ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва ҳам дар низоми таҳсилоти иловагӣ бархӯрдҳои навро ба вуҷуд овардааст. Ин ҳам яке аз омилҳои муайянкунандаи зарурати зиёд гардидани таваҷҷуҳ ба низоми таълими иловагии хонандагони болаёқат аз фанни технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Аз ин нуктаи назар, интихоби мавзӯи мазкур барои таҳқиқоти илмӣ хеле ҳозиразамон ва муҳими илми педагогика маҳсуб мeёбад.

Муаллифи рисола дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёту рисолаҳои мавҷуд буда оиди мавзӯи назар, ба хулоса меояд, ки дар шароити ҷумҳурии мо то кунун таҳқиқоти алоҳидаи муаммои мазкур мавҷуд нест. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ метавон ба чунин хулоса омад, ки мавзуи барои

пажуҳиш интихоб гардида, масъалаи басо муҳими илми педагогика буда, таҳқиқи илмии он барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда оид ба таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бозёфтҳои тозаи илмиро дастрас менамояд, ки онҳо барои ғанӣ гардонидани назария ва амалияи илми педагогика мусоидат мекунанд.

Муаллифи диссертатсия доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда теъдоди зиёди адабиёти илмиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар ҳамин замина мундариҷа, вазифа, методҳои тадқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти амалию назариявӣ, муҳтавои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияро тарҳрезӣ намудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия талаботи мавҷуда нисбат ба бандубасти қисмати илмии рисолаҳои илмӣ пурра риоя гардида, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мубрамияти мавзӯъ, мақсад, объект, предмети мавзӯъ, вазифаҳо, методҳои таҳқикот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалӣ ва дигар қисматҳои муҳими он ба таври равшан ва возеҳ арзёбӣ гардад.

Аз ҷониби муаллифи диссертатсия, ба таври муфассал таҳқиқотҳои илмии файласуфон, педагогҳо, психологҳо ва методистон доир ба муаммои тақиқшаванда ба таври васеъ ва ҳаматарафа омӯхта шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои умуминазариявӣ ва методологии таълими технологияҳои иттилоотӣ матраҳ гардидааст.

Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки дар диссертатсия дар баробари таҳлилу арзёбӣ ёфтани нуқтаи назари олимон, ҳамзамон камбудӣ ва муваффақиятҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ оид ба таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ ва гузаронидани таҷрибаи педагогӣ муайян карда шуда, барои пешгирии онҳо ва пурзӯр намудани фаъолият дар ин самт тавсияҳои судманд пешниҳод карда шудааст.

Омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи таҷдиди назар аз он дарак медиҳад, ки нуктаи назар ва пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар бораи муайянкунии хусусият, мазмун ва роҳу усулҳои таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар асоси ба инобат гирифтани шароит ва хусусиятҳои фаъолияти онҳо; бо роҳи гузаронидани озмоиши махсуси психологӣ - педагогӣ пешниҳод намудани роҳу усулҳои самарабахши таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ; коркарду пешниҳоди тавсияҳои психологӣ - педагогӣ барои кормандони

муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ аз нуктаи назари муносибати навини илмӣ дарак дода, асоснокӣ ва боэътимодии таҳқиқоти гузаронидашудаоро инъикос менамояд.

Дар натиҷаи омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявии муаммои таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ муаллиф имконият пайдо намудааст, ки пешниҳоди илман асосноки раванди педагогии кор бо хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳри Душанбе; асоснокии банақшагирии таълим ва омӯзиши хонандагони лаёқатманд аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва такмили усулҳои таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ; таҳияи барномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методию таълимӣ барои машғулиятҳои гурӯҳӣ ва инфиродии рушди хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотиро коркард намояд, ки ба навгонии назаррасии илмии диссертатсия маҳсуб меёбад.

Муаллиф дар рисола моҳият ва мундариҷаи муаммои таҳқиқшавандаро хеле равшан ва аниқ муайян карда, дар ин асос хулосаҳои асоснок ва муҳимро коркард намудааст, ки онҳо аз иҷро гаштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронӣ дар сатҳи зарурии илмӣ буда, ба талаботи мавҷуда пурра мутобиқат мекунад.

Дар раванди омӯзиш ва таҳлили диссертатсия ошкор карда шуд, ки фарзияи он пурра тасдиқи худро ёфтааст ва дар натиҷаи гузаронидани корҳои зиёди таҷрибавӣ – озмоишӣ унвонҷӯ Каримзода Шавкат Карим оид ба таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гаштааст.

Дар раванди омӯзиш ва таҳлили диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо, ки аз тарафи комиссияи экспертӣ дар рисола муайян карда шуданд, аз тарафи Каримзода Шавкат Карим дар мӯҳлати муайян бартараф карда шуданд.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби муаллифи рисола Каримзода Шавкат Карим оиди омӯзиш, таҳлил, ҷамъбаст ва хулоса намудани натиҷаҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва амалӣ гузаронида шудааст ва мавзӯи таҳқиқшуда саҳми муайянро худро дар рушди илмҳои педагогӣ мегузорад.

Фарҳанги мутаносиби унвончӯ имконият додааст, ки ӯ тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, дар заминаи гуфтаҳои болоӣ комиссияи экспертӣ ба хулоса омад, ки диссертатсияи Каримзода Шавкат Карим дар мавзӯи «Асосҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ», кори мустақилонаи тахассусии анҷомёфта буда, ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст ва ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия карда мешавад.

Раиси
комиссияи экспертӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор Шарипов Ф.Ф.

Аъзоён:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Абдуллоева М.А.

доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Файзиев И.Д

02.02.2021с.